# Китоби Муқаддас барои кӯдакон



## Лашкари хурди Ҷидъун

Муаллиф: Edward Hughes

Рассом: Janie Forest
Alastair Paterson

Адаптатсиякунанда: Ruth Klassen

Тарҷумон: Tajikistan Bible Society

Тартибдиҳанда: Bible for Children
www.M1914.org

©2022 Bible for Children, Inc.
Литсензия: Шумо ҳақ доред, ки ин ҳикояро нусхабардорӣ ё чоп кунед, аммо ба фурӯхтан иҷозат надоред.



Баъди марги Юшаъ тамоми мардуми Исроил ба Худо беитоатӣ намуда, Ӯро аз ҳаёташон дур сохтанд. Худо иҷозат дод, ки халқи ҳамсоя, мидёниён ҳосилу хонаҳои исроилиёнро оташ зананд. Исроилиён маҷбур шуданд, ки дар ғорҳо зиндагӣ кунанд.



Ҷидъун, як марди исроилӣ барои рӯёндани гандум бояд як ҷойи пинҳоние дошта бошад. Ӯ гандумро дар ҳавзчаи ангурфишурӣ, ки зери дарахти калон пинҳон буд, мекӯфт.

Мидёниён он ҷойро намедонистанд, аммо Худо медонист. Худо ба назди Ҷидъун фариштаеро бо паём фиристод.

Худо мехост, ки Ҷидъун бути худои дурӯғини падарашро нест карда, ба Худои ҳақиқӣ қурбонгоҳ созад.  Ҳарчанд Ҷидъун тарсид, ки ҳамватанонаш ӯро мекушанд, вай фармони Худоро иҷро кард.



Инчунин Худо мехост, ки Ҷидъун лашкари Исроилро бар зидди мидёниёни золим ба ҷанг барад. Аммо Ҷидъун метарсид. Ӯ аз Худо хоҳиш намуд, ки аломати махсус диҳад, ки Ӯ ҳамроҳаш мешавад. Баъд вай пашми гӯсфандро ба рӯйи замин гузошт.





Ҷидъун чунин дуо кард: “Агар шабнам фақат ба рӯйи пашм резаду замини гирдаш хушк монад, он гоҳ чӣ хеле ки гуфтӣ, мефаҳмам, ки Ту исроилиёнро ба воситаи ман наҷот медиҳӣ”. Саҳар замин хушк буд, вале пашм сахт тар шуда буд.

Ҷидъун ҳоло ҳам шубҳа мекард. Акнун вай мехост, ки Худо ба замин шабнам резаду пашм хушк монад. Саҳари дигар замин тар буд, вале пашм хушк.



Ҷидъун бо лашкари 32,000 нафара ба роҳ бaромад.  Лекин Худо онро кам карда, фақат 300 нафарро боқӣ монд.  Худо намехост, то исроилиён гӯянд, ки мо худамонро наҷот додем.  Танҳо Худо Наҷотдиҳандаи Исроил буд.



Азбаски Худо медонист, ки Ҷидъун ҳоло ҳам метарсад, Ӯ имкон дод, то шунавад, ки чӣ хел ҷанговари мидёнӣ ба дигаре хоби аҷибе нақл мекард. Дар хоб як нон ба тарафи хаймаи мидёнӣ ғелида, онро вайрон карда буд.



Посбони дигар тарсида гуфт:
“Ин... ин шамшери Ҷидъун аст”.
Ҳангоме ки Ҷидъун хоб ва маънои онро шунид, фаҳмид, ки Худо ба вай ғалаба доданист.



Ҷидъун нақша кард, ки шабона ҳуҷум мекунад.
Ӯ ба ҳар ҷанговар карнай ва кӯзаи холӣ дод, ки дар дарунаш машъал буд.
Онҳо лашкари Мидёнро иҳота карданд.



Бо ишораи Ҷидъун ҷанговарон карнайҳояшонро навохтанд ва кӯзаҳоро шикаста, машъалҳоро даргиронданд. Овози сахт буд! Ҳама ҳайрон буданд! Мидёниёни ҳаросоншуда хеста гурехтанд.



Баъди ин ғалабаи бузург халқи Исроил аз Ҷидъун хоҳиш намуданд, ки роҳбари онҳо бошад. “Ман бар шумо ҳукмронӣ намекунам, Худованд бар шумо ҳукмронӣ мекунад” — ҷавоб дод Ҷидъун. Ӯ медонист, ки танҳо Худо ҳақ дорад, ки дар ҳаёти одамон ҳукмронӣ кунад.



# Лашкари хурди Ҷидъун

Ҳикоя аз Каломи Худо

Доварон 6-8

“Ошкор шудани Каломи Ту равшанӣ мебахшад”.  Забур 119:130

# Хотима

Ин ҳикояи Китоби Муқаддас дар бораи Худои аҷоиби мо нақл мекунад, ки моро офаридааст ва мехоҳад, ки мо Ӯро шиносем.

Худо корҳои бади моро медонад ва онҳоро гуноҳ меномад. Ҷазои гуноҳ марг аст, аммо Худо туро сахт дӯст медорад. Барои ҳамин Худо Писари ягонааш, Исои Масеҳро фиристод, ки ҷазои гуноҳҳои туро ба Худ гирифта, дар рӯйи салиб мехкӯб шуда мурад. Баъд Исо гашта зинда шуду ба осмон рафт! Агар ту ба ин бовар карда, ба Исо имон биёрӣ ва аз Ӯ хоҳиш кунӣ, ки гуноҳҳоятро бахшад, Ӯ гуноҳҳоятро мебахшад! Ӯ ба вуҷуди ту даромада, дар қалби ту зиндагӣ мекунад ва ту ҳамеша ҳамроҳи Ӯ хоҳӣ буд.

Агар бовар кунӣ, ки ин рост аст, ба Худо гӯй:
Исои меҳрубон, ман бовар мекунам, ки Ту Худо ҳастӣ, аммо шакли инсонро ба Худ гирифтӣ, ки ба ҷои мани гунаҳкор ҷон диҳӣ. Ту гашта зинда шудӣ ва ҳоло ҳам зинда ҳастӣ. Илтимос ба ҳаёти ман биё ва гуноҳҳои маро бахш, то ки ҳаётам нав шавад ва рӯзе пеши Ту рафта, то абад бо Ту бошам. Ба ман ёрӣ деҳ, ки ҳамчун фарзанди Ту ба гапҳои Ту гӯш карда, барои Ту зиндагӣ кунам. Омин.

Ҳар рӯз Китоби Муқаддасро хонда, бо Худо сӯҳбат кун!
Юҳанно 3:16